# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Масъалаи раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар замони муосир яке аз вазифаҳои мубрами таҳсилоти муосир маҳсуб ёфта, фароҳам овардани шароитҳои педагогии зарурӣ баҳри омода сохтани насли навраси донишманду бомаърифат, нававару ихтирокор ва дар рушди низоми маориф дар ҷумҳурӣ саҳми назаррас гузоштан аст. Зеро соҳаи илму маориф яке аз соҳаҳои калидии ҷомеа ба ҳисоб рафта, аз рушду инкишофи он пешрафти соҳаҳои дигари хоҷагии халқ вобаста мебошад. Тавре ки мегӯянд, тақдири имрӯзу фардои кишвар аз рушди маориф вобастагӣ дорад. Аз ин мавқеъ, мавзуи барои таҳқиқ интихобнамудаи довталаб муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферата диссертатсия собит мекунад, ки муаллифи диссертатсия пажӯҳишу омӯзишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни масъаларо равшан намуда, барои раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ва тавсияҳои методии ҷолиби диққат ироа намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барҳақ, дар ин самт кӯшиши саривақтӣ ва ҷолиби диққати муҳаққиқ буда, он дар доираи талаботи навтарини барасмиятдарории таҳқиқоти илмӣ рӯйи кор омадааст. Зеро дар шароити кунунии рушди соҳаи илму маориф, ки яке аз соҳаҳои калидии ҷомеа ба ҳисоб меравад ва аз рушду инкишофи он пешрафти соҳаҳои дигари хоҷагии халқ вобаста буда, самти муҳим дар ислоҳоти соҳаи мазкур ин баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ба ҳисоб рафта, дар ин

замина силсилаи тадбирҳо доир ба сохтмону барқарорсозӣ, таъмиру таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ андешида мешавад.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Сафарзода Гулистон арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ таҳқиқотҳои олимон оид ба раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифи кишварро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии роҳу усулҳои самарабахши раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро муайян ва коркард кардааст ва дар ин росто самаранокии амсилаҳои пешниҳодкардаашро оид ба вазъ ва раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф собит сохтааст.

Унвонҷӯй зимни омӯзиш ва таҳқиқу озмоиш хеле дуруст ва муътамад натиҷагирӣ кардааст, ки як қисмати чорабиниҳои дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф пешбинишуда иҷро шуда бошанд ҳам, қисмати дигари онҳо ба иҷро нарасидаанд ва ин ҳолат ба рушду пешрафти соҳаи маориф ва татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар ин самт халал ворид месозад ва иҷрои онҳо ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вогузор шудааст, бинобар ин зарур аст, ки шахсони масъул масъаларо пайгирӣ намоянд.

Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад. Дастгоҳи илмии он мутобиқ ба талаботи сохтори нави аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда мураттаб шудааст.

Муҳаққиқи ҷавон Сафарзода Гулистон натиҷаи кори ба анҷомрасонидаашро дар муқаддима, ду боб ва хулоса инъикос намуда, аз адабиёти мухталиф фаровон истифода бурдааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар хулосаи диссертатсия танзиму таснифи натиҷаҳои озмоиши педагогиро ба субут расонида, мавриди арзёбӣ қарор додааст ва вобаста ба натиҷаҳои ноилшуда хулосаву тавсияҳои зарурӣ ироа кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илмиву амалиро соҳиб буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавкро собит месозад.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионии Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳқиқоти илмии бaанҷомрсида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, директори филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе Каримзода Ш.К.

17.12.2023

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734000. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 8, тел: 938039392
Суроғаи электронӣ: shavkatnormatov@mail.ru

Имзои Каримзода Ш.К.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳои МД “ДҶТИБКСМ” дар шаҳри Душанбе Шарифов А.